ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
АГЕНТИИ СТАНДАРТИЗАТСИЯ, МЕТРОЛОГИЯ, СЕРТИФИКАТСИЯ
ВА НОЗИРОТИ САВДОИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
(ТОҶИКСТАНДАРТ)

734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев 42/2 Тел: (+992 37) 233-68-69, факс (+992 37) 233-44-99
Web: www.standard.tj E-mail: info@standard.tj

# ФАРМОИШ

аз «30» 10 соли 2018. № 79ф-а ш.Душанбе

## Дар бораи тасдиқи «Тартиби аз муомилот гирифтани молҳои ғайрихӯрокворие, ки барои ҳаёт, саломатӣ ва амволи истеъмолкунанда зараровар мебошанд ва мӯҳлати коршоямиашон гузаштааст ё бе маълумот барои истеъмолкунандагон ба муомилот бароварда мешаванд»

030.080.000

Мутобиқи қисми 13 моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон»,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Тартиби аз муомилот гирифтани молҳои ғайрихӯрокворие, ки барои ҳаёт, саломатӣ ва амволи истеъмолкунанда зараровар мебошанд ва мӯҳлати коршоямиашон гузаштааст ё бе маълумот барои истеъмолкунандагон ба муомилот бароварда мешаванд, тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Фармоиши мазкур тибқи тартиби муқарраргардида ҷиҳати бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.
3. Фармоиши мазкур пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.
4. Назорати иҷроиши фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми директор вогузор карда шавад.

Директор Давлатзода Қ.Қ.

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ ЯГОНАИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
РАМЗИ № 854
«27» 11 с.2018

Бо Фармоиши директори
Агентии стандартизатсия,
метрология, сертификатсия ва
нозироти савдои назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
№ 79 ф/а аз «30» 10 соли 2018
тасдиқ шудааст.

# ТАРТИБИ АЗ МУОМИЛОТ ГИРИФТАНИ МОЛҲОИ ҒАЙРИХӮРОКВОРИЕ, КИ БАРОИ ҲАЁТ, САЛОМАТӢ ВА АМВОЛИ ИСТЕЪМОЛКУНАНДА ЗАРАРОВАР МЕБОШАНД ВА МӮҲЛАТИ КОРШОЯМИАШОН ГУЗАШТААСТ Ё БЕ МАЪЛУМОТ БАРОИ ИСТЕЪМОЛКУНАНДАГОН БА МУОМИЛОТ БАРОВАРДА МЕШАВАНД

Тартиби мазкур дар асоси қисми 13 моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» таҳия гардида, тартиби аз муомилот гирифтани молҳои ғайрихӯрокворие, ки барои ҳаёт, саломатӣ ва амволи истеъмолкунанда зарароваранд, мӯҳлати коршоямиашон гузаштааст ё бе маълумот барои истеъмолкунандагон ба муомилот бароварда мешаванд, инчунин коркарди партовҳо ва нобуд кардани молҳои ғайрихӯрокворие, ки ба талаботи регламентҳои техникӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрии техникӣ мутобиқ намебошанд, муайян менамояд.

## 1.МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.Тамоми молҳои ғайрихӯроквории (минбаъд-молу маҳсулот ва маснуоти ғайрихӯрокворӣ) истеҳсолшаванда, воридшаванда ва ба муомилот баровардашуда аз ҷониби шахсони воқеию ҳуқуқӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд аз ҷиҳати бехатарӣ ва сифат ба талаботи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон», «Дар бораи таъмини ченаки ягона», «Дар бораи стандартонӣ», «Дар бораи бамеъёрдарории техникӣ», «Дар бораи баҳодиҳии мутобиқат», «Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ», регламентҳои техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Талабот ба бехатарии бензини автомобилӣ, сӯзишвории дизелӣ, мазут ва сӯзишворӣ барои муҳаррикҳои реактивӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 январи соли 2014, №30 тасдиқ шудааст, «Дар бораи бехатарии масолеҳ ва маснуоти сохтмонӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2014, №338 тасдиқ шудааст, «Дар бораи бехатарии маҳсулоти таъиноти кӯдакон ва наврасон», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2015, №498 тасдиқ шудааст, «Бехатарии борҷома», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2016, № 343 тасдиқ шудааст, «Бехатарии бозичаҳо», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 августи соли 2016, № 375 тасдик шудааст, «Бехатарии маҳсулоти мебелӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 декабри соли 2016, №512

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
РАМЗИ № 954
«27» 11 с.2018

тасдиқ шудааст, «Маҳсулоти тамоку», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 феврали соли 2017, №58 тасдиқ шудааст, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар соҳаи мазкур, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, ҷавобгӯ бошанд.

2. Тамоми молу маҳсулот ва маснуоти ғайрихӯроквории дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшаванда, воридшаванда, ба муомилот баровардашуда барои тасдиқи бехатарии он таҳти назорати давлатӣ қарор мегирад ва дар сурати ошкор гардидани маҳсулоти ғайрихӯроквории бесифат, хатарнок ва аз ҷиҳати бехатарӣ шубҳаовар, маҳсулотҳои қалбакӣ, барои муайян намудани номутобиқатии он Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои он дар маҳал, истеҳсол ва фурӯши онро манъ менамоянд.

3.Молу маҳсулот ва маснуоти ғайрихӯрокворӣ, ки истифодабариашон аз рӯи бехатарӣ корношоям дониста шудаанд, аз муомилот гирифта шуда, дар анбори алоҳида бо бастани мӯҳр нигоҳ дошта мешавад. Маҳсулоти аз муомилот (фурӯш), истеҳсолот гирифташаванда дар санад дар бораи аз муомилот гирифтани молу маҳсулот ва маснуоти ғайрихӯрокворӣи хатарнок дар замимаи 1 Тартиби мазкур пешбинигардида, барасмият даровaрда мешавад.

4.Молу маҳсулот ва маснуоти ғайрихӯрокворие, ки барои ҳаёт, саломатӣ ва амволи истеъмолкунанда зараровар мебошанд ва мӯҳлати коршоямиашон гузаштааст ё бе маълумот барои истеъмолкунандагон ба муомилот бароварда мешаванд, аз тарафи Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои он дар маҳал бо Тартиби мазкур аз муомилот гирифта мешаванд. Ҳамзамон маҳсулоти хатарнок, аз ҷиҳати бехатарӣ шубҳаовар бо ташаббуси худи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ низ аз муомилот гирифта шуда, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ оид ба аз муомилот гирифтани маҳсулоти хатарнок Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои он дар маҳалро огоҳ менамоянд.

5.Молу маҳсулот ва маснуоти ғайрихӯроквории истеҳсолшаванда, воридшаванда ва дар муомилот буда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷиҳати бехатарӣ ва сифат ҷавобгӯ нестанд, ба чор навъ ҷудо карда мешаванд:

- молу маҳсулот ва маснуоте, ки мӯҳлати коршоямиашон (нигоҳдориашон) гузаштааст.
- молу маҳсулот ва маснуоти ғайрихӯрокворие, ки аз рӯи таъиноташ истифодабариаш корношоям буда, фақат бо роҳи коркард метавон онро ба талаботи регламентҳои техникӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрии техникӣ расонид.
- молу маҳсулот ва маснуоте, ки ба саломатии инсон хатар эҷод мекунад.
- молу маҳсулот ва маснуоти ғайрихӯроквории қалбакӣ.

6. Ҳангоми дар санҷишҳо ошкор гардидани молу маҳсулот ва маснуоти ғайрихӯроквории бесифат, ки барои саломатӣ, ҳаёти одамон ва муҳити зист хатарнок аст, аз ҷониби Агентии стандартизатсия,

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ ЯГОНАИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
РАМЗИ № 954
«27» 11 с.2018

метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон комиссия таъсис дода мешавад. Ба комиссияи мазкур намояндагони Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ, ҳифзи муҳити зист, назорати давлатии сохтмонӣ ва меъморӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳо шомил карда мешаванд.

7. Дар ҳолати ошкор намудани молу маҳсулот ва маснуоти ғайрихӯроквории бесифат, ки барои саломатӣ, ҳаёти одамон ва муҳити зист хатарнок аст, масъалаи нобудсозӣ ва ё коркарди минбаъдаи онро комиссия ҳал менамояд.

8.Комиссия вобаста ба маҳалли ҷойгиршавии молу маҳсулот ва маснуоти ғайрихӯроквории хатарнок аз ҳисоби намояндагони Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ, ҳифзи муҳити зист, назорати давлатии сохтмонӣ ва меъморӣ,ки аз рӯи бехатарии молу маҳсулот ва маснуоти ғайрихӯрокворӣ дар доираи салоҳияти худ назорат мебаранд, таъсис дода мешавад.

## 2. ТАЛАБОТ НИСБАТИ АЗ МУОМИЛОТ ГИРИФТАНИ МОЛУ МАҲСУЛОТ ВА МАСНУОТИ ҒАЙРИХӮРОКВОРИЕ, КИ БА ТАЛАБОТИ РЕГЛАМЕНТҲОИ ТЕХНИКӢ МУТОБИҚ НАМЕБОШАНД

9. Молу маҳсулот ва маснуоти ғайрихӯроворие, ки барои ҳаёт, саломатӣ ва амволи истеъмолкунанда зараровар мебошанд ва мӯҳлати коршоямиашон гузаштааст, бе маълумот барои истеъмолкунандагон ба муомилот бароварда мешаванд ва ба талаботи регламентҳои техникӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрии техникӣ мутобиқ нестанд, маҳсулоти хатарнок ҳисобида шуда, аз ҷониби Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (сохторҳои он дар маҳал) бо тартиб додани санад ва ё бо ташаббуси худи шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз муомилот гирифта мешаванд.

10. Аз муомилот гирифтани маҳсулоти ғайрихӯроквории хатарнок бе тартиб додани санади нозири давлатӣ манъ аст.

11.Санад дар ҳузури соҳиби мол (истеҳсолкунанда, фурӯшанда, соҳибкор) тартиб дода шуда, дар ҳолати ғайриимкон будани интиқоли он дар ҷояш мӯҳр зада мешавад.

12.Пас аз натиҷаи санҷиш аз тарафи комиссияи мазкур хулоса дар бораи коркарди минбаъда ё нобудсозии молу маҳсулот ва маснуоти ғайрихӯроквории барои истифода хатарнок, ки дар замимаи 2 Тартиби мазкур пешбинӣ гардидааст, ба расмият дароварда мешавад.

13.Молу маҳсулот ва маснуоти ғайрихӯрроквории ба талаботи регламентҳои техникӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрии техникӣ ҷавобгӯ набуда, тибқи хулосаи комиссия коркард ва ё несту нобуд карда мешаванд.

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
РАМЗИ № 954
«27» 11 с.20 18

14. Далели нобудсозии маҳсулот бо санад дар бораи нобудсозии молу маҳсулот ва маснуоти ғайрихӯроквории хатарнок дар замимаи 3 Тартиби мазкур пешбинигардида, ба расмият дароварда мешавад ва як нусхаи он дар муддати 3 рӯз ба Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (сохторҳои он дар маҳал), ки хулосаи нобудсозии молу маҳсулоти ғайрихӯрокворӣро қабул кардааст, пешниҳод карда мешавад.

## 3.ТАРТИБИ ГУЗАРОНИДАНИ ТАШХИС ОИД БА ОШКОР НАМУДАНИ МОЛУ МАҲСУЛОТ ВА МАСНУОТИ ҒАЙРИХӮРОКВОРИЕ, КИ БА ТАЛАБОТИ РЕГЛАМЕНТҲОИ ТЕХНИКӢ МУТОБИҚ НАМЕБОШАНД

15. Сифат ва бехатарии молу маҳсулот ва маснуоте, ки ҳангоми гузаронидани назорати давлатӣ (санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор) аз истеҳсолот ва муомилот гирифта шудаанд, таҳти ташхиси дақиқ қарор дода мешаванд.

16.Молу маҳсулот ва маснуоти бесифат ва мӯҳлати коршоямиаш гузашта аз истеҳсолот ва муомилот гирифта шуда, то муайянкунии зарари он ба ҳаёт, саломатӣ ва амволи истеъмолкунанда ба нигоҳдории муваққатӣ равона гардида ба ҳисоб гирифта мешавад. Масъулияти нигоҳдории чунин маҳсулоти ғайрихӯроквории хатарнок, ки дар анбор нигоҳ дошта мешавад, ба зиммаи соҳиби он гузошта мешавад.

17.Барои гузаронидани ташхиси молу маҳсулот ва маснуоти ғайрихурокворие, ки тибқи регламентҳои техникӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрии техникӣ хатарнок  донистa шудааст, аз он намуна гирифта мешавад.

18.Пардохти маблағи ташхиси молу маҳсулот ва маснуоти ғайрихӯрокворие, ки мутобиқи регламентҳои техникӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрии техникӣ хатарнок ҳисобида шудаанд, аз ҷониби соҳиби мол (истеҳсолкунанда, фурӯшанда) амалӣ карда мешавад.

19.Комиссия хулосаашро оид ба коркарди минбаъда ё нобудсозии молу маҳсулот ва маснуоти барои истифода ғайриимкон дар асоси натиҷаи ташхиси он ба расмият медарорад. Ташхиси молу маҳсулот ва маснуоти ғайрихӯрокворӣ бояд дар озмоишгоҳҳои ташхисии ваколатдор гузаронида шавад.

## 4. ТАРТИБИ КОРКАРДИ МОЛУ МАҲСУЛОТ ВА МАСНУОТЕ, КИ АЗ РӮИ ТАЪИНОТАШ БАРОИ ИСТИФОДА КОРНОШОЯМ АСТ

20.Молу маҳсулот ва маснуоти аз рӯи таъиноташ барои истифода ғайриимкон аст, бояд то мутобиқаташон ба талаботи регламентҳои техникӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрии техникӣ коркард карда шаванд.

21.Ба намудҳои коркард инҳо дохил мешаванд:

- коркарди маҳсулот бо мақсади гирифтани ашёи хом.
- коркарди маҳсулот бо мақсади гирифтани маҳсулоти дигар.
- коркарди маҳсулот бо мақсади ба талаботи меъёрҳо мутобиқгардонии он.

22. Технология ва ҷойи коркарди минбаъдаи молу маҳсулот ва маснуоти аз рӯи таъиноташ барои истифода корношоям аз тарафи

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ ЯГОНАИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
РАМЗИ № 954
«27» XI с.20 18

истеҳсолкунанда (молрасонанда, фурӯшанда), дар асоси хулосаи комиссия муайян карда мешавад.

23.Истифодаи минбаъдаи молу маҳсулот ва маснуоти коркардшуда тибқи таъиноташ ва ё дар намуди наваш танҳо пас аз ба даст омадани натиҷаи мусбӣ аз ташхисҳои озмоишгоҳҳои ваколатдор имконпазир аст.

## 5.ТАРТИБИ НОБУДСОЗИИ МОЛУ МАҲСУЛОТ ВА МАСНУОТИ ҒАЙРИХӮРОКВОРИЕ, КИ БАРОИ ИСТИФОДА КОРНОШОЯМ ДОНИСТА ШУДААСТ

24.Ҳангоми ошкор гардидани молу маҳсулот ва маснуоти ғайрихӯрокворӣи барои ҳаёт, саломатӣ ва амволи истеъмолкунанда зараровар, мӯҳлати коршоямиашон гузашта, намояндагони Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (сохторҳои он дар маҳал), ки маҳсулоти бесифати хатарнокро пайдо намудаанд, ба истеҳсолкунанда (воридкунанда, фурӯшанда) амрномаи манъи истеҳсол (фурӯш)-ро, ки дар замимаи 4 Тартиби мазкур пешбинӣ гардидааст, медиҳанд.

25.Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ваколатҳои худ ҳангоми ошкор гардидани молу маҳсулот ва маснуоти ғайрихӯрокворӣи барои хаёт, саломатӣ ва амволи истеъмолкунандагон зараровар, мӯҳлати коршоямиашон гузашта ва ё бе маълумот барои истеъмолкунанда ба муомилот бароварда шуда, парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмуриеро, ки дар моддаҳои 377 қисми 2, 624-627, 628 қисми 1, 630-636, 638, 641,643,645 ва 646 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд, баррасӣ менамояд.

26. Дар асоси натиҷаи ташхис комиссия барои нобудсозӣ санад дар бораи нобудсозии молу маҳсулот ва маснуоти ғайрихӯрокворӣи хатарнок дар замимаи 3 Тартиби мазкур пешбинигардида, тартиб медиҳад, ки дар он чунин маълумотҳо қайд карда мешаванд:

- руз, моҳ, сол, макон ва маҳали тартиб додани санад.
- ному насаби соҳибкор, истеҳсолкунанда, фурӯшанда, ки молу маҳсулот ва маснуот ба ӯ тааллуқ дорад.
- номгӯй ва микдори молу маҳсулот ва маснуоте, ки бояд нобуд карда шавад, таърих ва замон.
- номгӯи нишондиҳандаҳое, ки аз рӯи онҳо молу маҳсулот ва маснуот бесифат ва хатарнок дониста шудаанд.
- тарзи нобудсозӣ.
- ному насаб ва мансаби аъзоёни комиссия.

27.Пеш аз қабул кардани қарор, комиссия бо хоҳиши истеҳсолкунанда (фурӯшанда, соҳибкор) метавонад такроран маҳсулоти хатарнок донисташударо дар озмоишгоҳи ваколатдоршудаи мустақил санҷида бароояд.

28.Дар асоси санад комиссия дар мавриди ҷудо нигоҳ доштан ва таъмини нигоҳдории маҳсулоти нолозим, бароварадани қарор дар бораи нобудсозӣ ё гузаронидани он тадбирҳо андешида, истеҳсолкунанда (фурӯшанда, соҳибкор)-ро бо он шинос менамояд.

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
РАМЗИ № 954
«27» 11 с.2018

29. Барои истифодаи минбаъдаи партов ё нобудсозии молу маҳсулот ва маснуоти ғайрихӯрокворӣ инҳо заруранд:

- роҳ надодан ба имконияти минбаъд барқарор намудани хусусиятҳои аввалаи истифодаи он аз рӯи таъиноташ.

- роҳ надодан ба имконияти иваз кардани молу маҳсулот ва маснуоте, ки бояд коркард ё нобуд карда шавад.

- таъмин намудани риояи бечунучарои қонунгузорӣ оид ба ҳифзи муҳити зист, аз ҷумла роҳ надодан ба имконияти ба вуҷуд омадани маводу партовҳои заҳролудшаванда, зараровар ва хатарнок.

30.Ҷараёни нобудсозии молу маҳсулот ва маснуот аз тарафи истеҳсолкунанда (соҳибкор, фурӯшанда) ташкил карда шуда, бо иштироки ҳатмии аъзоёни комиссия сурат мегирад.

31.Интиқоли маҳсулоте, ки барои нобудсозӣ пешбинӣ шудааст, бояд бо назорати аъзоёни комиссия анҷом дода шавад.

32.Амалӣ гардидани нобудсозии маҳсулот бо санади намунааш пешниҳодгардида, ки аз ҷониби аъзоёни комиссия ва истеҳсолкунанда (молрасонанда, фурӯшанда) ба имзо расидааст, ба расмият даровarда мешавад.

## 6.ШИКОЯТ

33.Дар мавриди норозигии истеҳсолкунанда (соҳибкор, фурӯшанда) бо қарори сохторҳои салоҳиятдор ё мақоми миллӣ оид ба сертификатсия дар ҳолати барои истифода бе коркард корношоям дониста шудани молу маҳсулот ва маснуоти он розӣ набошад, ӯ метавонад ба мақомоти дахлдор, на дертар аз 10 (даҳ) рӯзи қабули қарор ба таври хаттӣ шикоят намояд.

34.Мақомоти ваколатдор шикоятро баррасӣ намуда, ба истеҳсолкунанда (соҳибкор, фурӯшанда) дар мӯҳлати 10 (даҳ) рӯзи пешниҳоди шикоят дар бораи қарори худ хабар диҳад. Дар ҳолати розӣ набудани истеҳсолкунанда (соҳибкор, фурӯшанда) бо қарори мақомоти дахлдор ӯ ҳуқуқ дорад, ки ба суд мурочиат намояд.

35.Қарори комиссия дар бораи нобудсозии молу маҳсулот ва маснуоте, ки барои истифода хатарнок дониста шудааст, метавонад бо шикояти истеҳсолкунанда (соҳибкор, фурӯшанда) дар мақомоти судӣ дар мӯҳлати 10 (даҳ) рӯз аз қабул кардани қарор баррасӣ гардад. Қарори комиссия пас аз гузаштани як моҳ амалӣ карда мешавад.

36.Пешниҳоди ариза иҷрои қарори комиссияро дар мавриди нобудсозии молу маҳсулот ва маснуоте, ки барои истифода ғайриимкон дониста шудааст, мавқуф мегузорад, агар нигоҳдошти он аз ҷиҳати бехатарӣ зарарнок ва хатарнок набошад, ба муҳити зист таъсир нарасонад, шароити мусоид барои нигоҳдошт дошта бошад ва бинобар ҳолати худ минбаъд вайрон нашуда, ба нигоҳдорӣ тобовар бошад.

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ ЯГОНАИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
РАМЗИ № 954
«27» 11 с.2018

Замимаи 1

Ба Тартиби аз муомилот гирифтани молҳои ғайрихӯроквории, ки барои ҳаёт, саломатӣ ва амволи истеъмолкунанда зараровар мебошанд ва мӯҳлати коршоямиашон гузаштааст ё бе маълумот барои истеъмолкунандагон ба муомилот баровардa мешаванд

Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
(Тоҷикстандарт)

---

## САНАД
### дар бораи аз муомилот гирифтани молу маҳсулот ва маснуоти ғайрихӯроквории хатарнок

аз "____"__________ соли 20____. шаҳри (ноҳияи) _______________

Ман (мо) ______________________________________________________________

Санади мазкурро тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон" дар он хусус тартиб додам (додем), ки ҳангоми гузаронидани санҷиши фаъолияти субъекти хоҷагидор дар______________________________________________________________

______________________________________________________________
(номи корхона, ташкилот, мағоза, нуқтаи савдо)

воқеъ дар суроғаи ______________________________________________
ки ба ______________________________________________таалуқ дорад
бо иштироки ______________________________________________
(ба сифати ки иштирок доранд, ному насаби иштирокчӣ)

______________________________________________________________

молу маҳсулот ва маснуоти ғайрихӯроквории зеринро, ки тибқи талаботи регламентҳои техникӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрии техникӣ хатарнок дониста шудааст, аз муомилот гирифта шуд:______________________________________________
(номгӯи пурраи маҳсулот бо нишондоди шумора, вазн ва ғайра)

______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ ЯГОНАИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
РАМЗИ № 854
"27" 11 с.20 18

Молу маҳсулот ва маснуоти ғайрихӯрокворӣ аз муомилот гирифташуда, тибқи тартиби муқараргардида барои несту нобуд ё аз нав коркард намудан ба комиссия пешниҳод карда мешаванд.

________________ (вазифа) __________ (имзо) ____________ (ному насаб)

Бо санад шинос шудам :

________________ (вазифа) __________ (имзо) ____________ (ному насаб)

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ ЯГОНАИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
РАМЗИ № 954
«27» 11 с.2018

Замимаи 2

Ба Тартиби аз муомилот гирифтани
молҳои ғайрихӯрокворие, ки
барои ҳаёт, саломатӣ ва амволи
истеъмолкунанда зараровар мебошанд
ва мӯҳлати коршоямиашон
гузаштааст ё бе маълумот барои
истеъмолкунандагон ба муомилот
бароварда мешаванд

______________________________________________

(номи мақомоти назоратӣ)

______________________________________________

______________________________________________

______________________ ______________________

(суроға) (телефон)

## Хулоса
## дар бораи коркарди минбаъда ё нобудсозии молу маҳсулот ва маснуоти ғайрихӯрокворӣ барои истифода хатарнок

аз "_____"____________соли______.

Комиссия дар ҳайати______________________________________

(ному насаби намояндагони мақомоти назоратӣ)

______________________________________________

______________________________________________

______________________________________________

______________________________________________

______________________________________________

______________________________________________

санҷиш ва ташхиси маҳсулотҳои ғайрихӯрокворӣ_____________________

(молу маҳсулот ва

______________________________________________

маснуоти ғайрихӯрокворӣ, микдор, вазн)

______________________________________________

(дорои ҳуҷҷатҳои зерин)

гузаронидааст, ки он дар__________________________________

(кишвари баромад, субъекти Ҷумҳурии Тоҷикистон)

__________________________________________истеҳсол шудааст.

Дар натиҷаи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор ташхиси маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ барои истифодаи минбаъда нодаркор ё нобудкардашаванда гузаронида шуда, САНАДИ №_______аз "___"_______соли_____ тартиб дода шудааст.

Натиҷаи ташхиси озмоишии ______________________________

(номи озмоишгоҳи ташхисӣ)

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ ЯГОНАИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
РАМЗИ № 954
«27» 11 с.2018

дар Протоколи №______аз “____”_________соли ____ ба қайд гирифта шудааст.

Дар асоси ___________________________________________________________________

(натиҷаҳои ташхис, санҷишҳои лабораторӣ)

комиссия қарор қарор қабул мекунад, ки маҳсулотро барои_______________________

_____________________________________________________________________________

(коркарди минбаъда ва ё нобудсозӣ)

_____________________________________________________________________ фиристонад.

Маҳсулотҳои аз муомилот гирифташуда, тибқи тартиби муқарраргардида барои несту нобуд ё нав коркард намудан ба комиссия пешниҳод карда мешаванд.

Имзои аъзоёни комиссия:

____________________ _____________ _________________

(вазифа) (имзо) (ному насаб)

____________________

____________________

____________________

____________________

аз “____”__________ соли ______.

Имзои субъекти хоҷагидор (фурӯшанда, воридкунанда)

Бо санад шинос шудам:

____________________ _______________ _________________

(вазифа) (имзо) (ному насаб)

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ ЯГОНАИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
РАМЗИ № 854
«27» 11 с.2018

Замимаи 3
Ба Тартиби аз муомилот гирифтани
молҳои ғайриҳӯроквории, ки
барои ҳаёт, саломатӣ ва амволи
истеъмолкунанда зараровар мебошанд
ва мӯҳлати коршоямиашон
гузаштааст ё бе маълумот барои
истеъмолкунандагон ба муомилот
бароварда мешаванд

Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
(Тоҷикстандарт)

______________ ______________
нишон телефон

## С А Н А Д
дар бораи нобудсозии молу маҳсулот ва маснуоти
ғайриҳӯроквории хатарнок

Комиссия дар ҳайати ____________________________________________
(ному насаб, вазифаи намояндагони мақомоти назоратӣ)
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________ нобуд кардааст.
(номгӯи маҳсулот, мавод ва маснуот, миқдор)
Асос __________________________________________________________
(ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда)
______________________________________________________________
(тарзи нобудсозӣ зикр гардад)
______________________________________________________________
(хатарнок донистани шудааст, нишон дода шавад)
Имзои аъзоёни комиссия:
аз “______”___________соли________

______________________
______________________
______________________
______________________
______________________
______________________
______________________
______________________
______________________
______________________

Имзои истеҳсолкунанда (молрасонанда, фурӯшанда)
аз “_____”________________соли _____.

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ
ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ ЯГОНАИ ДАВЛАТИИ
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
РАМЗИ № 954
«27» 11 с.2018

Замимаи 4
Ба Тартиби аз муомилот гирифтани молҳои ғайриҳӯроквориe, ки барои ҳаёт, саломатӣ ва амволи истеъмолкунанда зараровар мебошанд ва мӯҳлати коршоямиашон гузаштааст ё бе маълумот барои истеъмолкунандагон ба муомилот бароварда мешаванд

# АМРНОМАИ МАНЪ

«_____»__________соли 20____.
№______

Дар асоси санади №____
аз «____» ___________соли 20___.

Ба роҳбари ___________________________________________________________
(номи пурраи субъекти хоҷагидор
___________________________________________________________________
насаб, ном ва номи падар нишон дода шавад
___________________________________________________________________
(суроғаи субъекти хоҷагидор)

Ҳангоми санҷиши фаъолияти субъекти хоҷагидори мазкур муайян карда шуд, ки бехатарӣ ва сифати маҳсулот__________________________________________
___________________________________________________________________
(меъёрӣ риоянагардида бо тавсифи муфассали он зикр карда шавад)
___________________________________________________ҷавобгӯ нест.

Дар асоси талаботи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи стандартонӣ», «Дар бораи баҳодиҳии мутобиқат», «Дар бораи бамеъёрдарории техникӣ», «Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ», «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон», регламентҳои техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои меъёрии техникӣ _______________________________________________
___________________________________________________________________
(истеҳсол, воридот, фурӯши молу маҳсулот ва маснуоти ғайриҳӯроквори)

аз «_____» _____________соли 20____**МАНЪ** карда шавад.

Дар ҳолати иҷро нагардидани талаботи Амрномаи мазкур мувофиқи моддаи 624[1] Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, нисбати субъекти хоҷагидор ҷазои маъмурӣ дар шакли ҷарима таъин карда мешавад.

Хоҳишмандем, аз иҷрои Амрномаи мазкур то «___»________соли 20__тариқи хаттӣ хабар дода шавад.

Сарнозири давлатии Ҷумҳурии
Тоҷикистон оид ба назорати стандартҳо,
воситаҳои ченак ва қоидаҳои савдо _________________ ном, насаб
(имзо)

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ ЯГОНАИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
РАМЗИ № 954
«27» 11 с.2018